**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2025. – 41 саҳ.).**

Таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз зумраи ғанитарин ва бостонитарин дар тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мегардад. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ки дар асоси Авесто ташаккул ёфтааст, баёнгари он аст, ки тоҷикон аз замонҳои қадим дорои низоми ҳуқуқии мукаммал ва воситаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ будаанд. Меъёрҳои динӣ ва ахлоқии Авесто бо масъалаҳои адолат, ҳуқуқи инсон, муҳити зист ва ҳаёти ҷамъиятӣ иртибот дошта, дар ташаккули ҳуқуқи муосир низ таъсири худро гузоштаанд. Пешвои миллат бо роҳнамоии худ барои ҳифзи ин арзишҳо заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Омӯзиши ин низоми ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ва худшиносию худогоҳии миллӣ муҳим аст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиши низоми ҳуқуқии давраи зардуштӣ, хусусан Вандидод дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хос пайдо кардааст. Аз ҷумла падидаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ диққатҷалбкунанда мебошад. Дар пасманзари эҳёи арзишҳои миллию таърихӣ, ниёзи рӯзафзун ба шинохти решаҳои ҳуқуқии миллати тоҷик, ки дар тамаддуни бостонӣ, бахусус дар таълимоти зардуштӣ ва осори муқаддасе чун Авесто ва бахши муҳимми он – Вандидод инъикос ёфтааст, ба таври ҷиддӣ эҳсос мегардад.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ шароити муносиб барои бознигарӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангиву ҳуқуқии ниёгон ба вуҷуд омад. Бо ташаббус ва саъю талоши пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки донишмандон ва зиёиёнро ба таҳқиқи илмии мероси гузашта даъват мекунанд, барои муҳити илмиву иҷтимоӣ омӯзиш ва бозшиносии низомҳои ҳуқуқии қадим, аз ҷумла таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ фароҳам гашт.

Дар асари муқаддаси Авесто, бахусус Вандидод принсипҳои муайян ва ҷиддии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, ҷиноят ва ҷавобгарӣ, ҳифзи муҳити

зист, масъалаҳои оилавӣ ва ахлоқӣ ба таври муназзам инъикос ёфтаанд. Вандидод ҳамчун як кодекси пурмуҳтаво ва пурарзиш бо фарогирии меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ – ҷиноятӣ, маъмурӣ, экологӣ, маданӣ ва ҳатто ахлоқӣ шинохта мешавад. Ин санад намунаи барҷастаи ҳуқуқи инсонмеҳвар ва башардӯстона дар давраи бостон ба шумор меравад.

Яке аз навгониҳои муҳимми ин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди омӯзиши васеъ ва мукаммали илмӣ қарор гирифтааст. Дар доираи ин пажӯҳиш мафҳум, сохтор ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Вандидод бо усули таҳлили ҳуқуқшиносӣ ва таърихӣ ошкор шудаанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки Вандидод на танҳо як матни мазҳабӣ, балки як санади дорои низоми муназзами ҳуқуқӣ буда, дар он қонуншиканӣ, намудҳои он ва механизмҳои ҷавобгарӣ муфассал баррасӣ шудаанд. Ин равиши нав имкон медиҳад, ки таърихи ташаккул ва инкишофи андешаи ҳуқуқӣ дар минтақа ва дар дини зардуштӣ бознигарӣ шавад.

Таҳқиқоти мазкур дар такмил ва таҳкими донишҳои назариявӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Он метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ барои таҳлил ва тавсеаи назарияҳои марбут ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бахусус аз дидгоҳи Вандидод истифода гардад.

Пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқот барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ судманд мебошанд, зеро онҳо на танҳо ба вазъи кунунии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар қонунгузории миллӣ, балки ба дурнамо ва роҳҳои беҳсозии он асос ёфтаанд. Ин ҳолат қобили татбиқ будани хулоса ва тавсияҳоро дар амалия таъйид мекунад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ саҳми назаррас дошта, мустақилона масъалаи муҳимми ҳуқуқиро муайян ва тавсиф намудааст. Бо истифода аз манбаъҳои илмии дохилию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва таҷрибаи судӣ, таҳлили амиқи назариявию амалӣ анҷом додааст.

Кори илмии мазкур доир ба ҳуқуқи зардуштӣ ва таъсири он ба ҳуқуқи имрӯзаи Тоҷикистон таҳқиқоти ҷолиб ва муҳим аст. Муаллиф нишон медиҳад, ки аҷдодони мо низоми пешрафтаи ҳуқуқӣ доштанд. Масалан, барои зарар расонидан ба ҳайвонот ҷавобгарӣ пешбинӣ мешуд, никоҳ бо розигии ду ҷониб

баста шуда, тибқи меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ ҳуқуқи кӯдаки дар батни модарбуда ҳимоя карда мешуд.

Ҳатто имрӯз ҳам аксар қоидаҳое, ки дар қонунгузории Тоҷикистон ҳастанд, заминаашонро дар Авесто ва қисмати ҳуқукии он - Вандидод пайдо кардан мумкин аст. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки баъзе аз ин падидаҳоро, мисли «хариди гуноҳ» ба шакли нав барқарор кунем, то инсонҳо масъулияти бештар эҳсос намоянд.

Пешниҳоду таклифҳои пажӯҳиш бо исботи аҳаммияти таърихии низоми ҳуқуқии зардуштӣ нишон медиҳанд, ки ин низом яке аз поягузорони асосии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар минтақаи Тоҷикистони таърихӣ буда, дар ташаккули баъзе қонуну қавоиди муосир нақши муассир доштааст. Ин нуктаро метавон ҳамчун таҷрибаи беназир ва манбаи илҳоми илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории миллӣ арзёбӣ кард.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқи рисола чунин қайд намудааст: «Тибқи Вандидод, барои бевиҷдонона иҷро намудани шартнома нисбат ба гунаҳгор ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ пешбинӣ гардида буд» (саҳифаҳои 27 ва 35 автореферат). Ҳамзамон муаллиф оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва намудҳои ҷазои ҷиноятӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Аммо, оид ба ҷавобгарии маданӣ ва намудҳои он андешаҳо ба назар намерасанд. Магар дар Авесто танҳо сухан дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ меравад? Аз муаллиф, пурсида мешавад, ки оид ба ҷавобгарии маданӣ ва намудҳои он дар Вандидод андешаи асосноки худро манзур намояд.

2. Дар матни автореферат муаллиф чандин маротиба зимни тавсифи мазмуну моҳияти Авесто ва Вандидод ибораи «меъёрҳои ҳуқуқӣ»-ро нисбат ба муқаррароти онҳо истифода кардааст (саҳифаҳои 14, 19, 22, 31, 36-37 автореферат). Оё Авесторо санади меъёрии ҳуқуқӣ ном бурдан мумкин аст? Ё муқаррароти онро меъёрҳои ҳуқуқӣ гуфтан ҷоиз аст? Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия ин навиштаи худро асоснок намояд.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал ва эҷодкорона анҷом дода шудааст. Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию илмии рисолаи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Мудири шуъбаи таърихи давлат
ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Буризода Э.Б.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33
Тел. (+992 237) 221-65-85
Тел. моб.: 907-82-90-91
E-mail: buriev-68@mail.ru

Имзои проф. Буризода Э.Б-ро тасдиқ мекунам:
Нозир калони кадрҳои
ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.

«22» 11 2025 сол

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ